**Донишгоҳи тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино**

Дар Донишгоҳи тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино 4 марказ ва озмоишгоҳи хусусияти парки технолгӣ дошта вуҷуд доранд:

**2.1.Маркази таълимӣ- клиникии «Стоматология»**-и **ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино;**

**2.2.Озмоишгоҳи кишти селлулаҳои бунёдӣ;**

**2.3.Озмоишгоҳи Марказии илмӣ-тадқиқотии ба номи Абӯали ибни Сино;**

**2.4.Маркази таълимӣ, илмӣ ва истеҳсолии «Фарматсия»-и Донишгоҳи тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино.**

## 1. Маркази таълимӣ, илмӣ ва истеҳсолии «Фарматсия»-и Донишгоҳи тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино

Маркази таълимӣ, илмӣ ва истеҳсолии «Фарматсия» бо ташаббуси ректори ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино дар асоси Қарори Шӯрои олимон аз 30 июни соли 2016, таҳти №11 ҳамчун сохтори воҳидӣ ба таркиби ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино расман ворид карда шудааст.

Марказ аз шуъбаи доруҳои тайёр, шуъбаи иттилоотӣ оид ба маводи доруворӣ, шуъба бо дархости тайёр намудани маводҳои доруворӣ, ки дорои ҳуҷраи асептикӣ (тайёр намудани маводҳои стерелизатсияшуда, яъне маҳлулҳо барои интиқол ба рагҳои хунгард, доруҳо барои чашм, барои кӯдакони навзод ва дигар маводҳои ба стерилизатсия кардан мансубдошта), шуъбаи ҷамъоварӣ коркард ва бағоҷкунии рустаниҳои шифогӣ, лаборатория барои гузаронидани таҳлилҳои аналитикию кимёвӣ, ҳуҷраи автоклавкунонӣ маводҳои доруворӣ, фитобар, ҳуҷраи истеҳсол ва қабули оби муқаттар, ҳуҷраи шустушӯи зарфҳо ва ҳуҷраи экспедитсионӣ иборат мебошад.

Дар Марказ як қатор маводҳои доруворӣ, аз ҷумла дамобаҳо, обҷӯшҳои растаниҳои шифобахш, маҳлулҳои кимиёвӣ, хокаҳои кимиёвӣ, марҳамҳои табобатӣ, 3 намуд шамъчаҳо ва доруворӣ бо дархости дорухонаҳо ва мизоҷон тайёр карда мешаванд.

## 2.Озмоишгоҳи Марказии илмӣ-тадқиқотии ба номи Абӯали ибни Сино

Озмоишгоҳи Марказии илмӣ-тадқиқотӣ (ОМИТ), қисми таркибии сохтори илмию тадқиқотии Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино буда, идоракунандаву ҳамоҳангсози раванди масъалаҳои халталаби илмӣ-тадқиқотӣ, таҷрибавӣ, таълимӣ мебошад

Озмоишгоҳи марказии илмӣ-тадқиқотӣ (ОМИТ) бо Қарори собиқ Шӯрои Вазирони ИҶШС таҳти №735 аз 12 августи соли 1961, дар назди ДДТТ ба номи Абӯалӣ Ибни Сино таъсис дода шудааст. Соли 2020 бошад, парки технологӣ таъсис дода шуда, ба фаъолият шуруъ намудааст. Мақсади таъсиси парки технологӣ ин баланд бардоштани

савияи дониши амалии кормандон ва донишҷӯёни донишгоҳ мебошад. Ҳадафи ҳафт бахшҳои Озмоишгоҳ ин тайёр намудани кадрҳои илмӣ тадқиқотӣ барои донишгоҳ мебошад. Барои гузаронидани қисми эксперименталии корҳои илмӣ- тадқиқотӣ 16 нафар унвонҷуён ва аспирантҳо ҷиҳати дарёфти унвони номзади илм ва доктори илм идома дода, 18 нафар аъзои маҳфили «ҷарроҳони ҷавон», малакаҳои ҷарроҳиро аз худ менамоянд, 110 нафар шунавандагони курси «Табиби таҳлилгар» малакаҳои озмоишгоҳиро аз худ намуда, соҳиби дипломи духтури таҳлилгар мегарданд. Дар Марказ дастовардҳои илмӣ, технологӣ ва инноватсионӣ коркард карда шудаанд, аз ҷумла аз чоп баромадани 11 мақолаҳои илмӣ дар маҷаллаи Colloquium –journal (Варшава), Руссия (10 адад), Қазоқистон (2 адад), Амрико (1 адад), 6 мақола дар маҷаллаҳои дохили кишвар нашр гардида, 4 патент ба даст оварда шудааст.

## 3.Озмоишгоҳи кишти селлулаҳои бунёдӣ

Озмоишгоҳи кишти селлулаҳои бунёдӣ дар дохили Парки технологии донишгоҳ буда, аз соли 2010 ба фаъолият шурӯъ намудааст.

Дар озмоишгоҳ 11 нафар кор ва фаъолият мекунанд: директор, ходими калони илмӣ 3 нафар, ходими илмӣ 1 нафар, ходими хурди илмӣ 3 нафар, лаборант 2 нафар, фаррош 1 нафар.

Дар Озмоишгоҳ ҳафт бахш: озмоишгоҳои клиникӣ ва биохимиявӣ, морфологӣ, молекулярӣ-генетикӣ, амалиётҳои ҷарроҳӣ, виварий, курси «Табиби таҳлилгар», инчунин ҳуҷраҳои таълимӣ ҷойгир шуда, бо лавозимоти зарурӣ ҷиҳозонида шудаанд.

Озмоишгоҳи кишти селлулаҳои бунёдӣ (ОКСБ) ҷузъи асосии мустақили таркибии сохтори илмию-тадқиқотии Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино буда, идоракунандаву ҳамоҳангсози раванди масъалаҳои илмӣ-тадқиқотӣ ҳуҷайрадармонӣ мебошад.

Дар бинои асосии ОКСБ, ҳуҷраи иммуноферментӣ, ҳуҷраи озмоиши об, ҳуҷраи кишти селлулаҳои бунёдӣ, ҳуҷраи таълимӣ, толори маҷлисӣ ва ҳуҷраи маҳзани селлулаҳои ҷойгир шуда, бо лавозимоти зарурӣ таҷҳизонида шудаанд. Масоҳати умумии Озмоишгоҳ ба 304 $м^2$ баробар мебошад.

Дар ОКСБ 62 номгӯи таҷҳизотҳои тиббӣ мавҷуд аст, ки барои пешбурди амалиётҳои ҳуҷайрадармонии эксперименталӣ дар ҳайвонҳои озмоишӣ, амалиёти ҳуҷайрадармонӣ дар беморон, гузаронидани корҳои илмӣ-тадқиқотӣ дар самти иммунология, бо ҳуҷайраҳои гуногун дар шароити лабораторӣ (in vitro) анҷом дода мешавад.

Маблағгузорӣ фаъолияти ОКСБ тавассути муҳосиботи ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино амалӣ гардонида мешавад.

## 4.Маркази таълимӣ- клиникии «Стоматология»-и ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино

Маркази таълимӣ-клиникии «Стоматология»-и ДДТТ мутобиқи қарори Шӯрои олимони ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино аз санаи 27.09.с.2007, суратҷаласаи №2 «Дар бораи таъсиси Маркази таълимӣ-клиникии «Стоматология»-и ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино ва тасдиқи низомнома» ва мутобиқи Шаҳодатномаи №0430 аз санаи 14.12.с.2015, ки аз ҷониби Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси қарори Комисияи ҷумҳуриявии татбиқи Тартиби хизматрасонии тиббию санитарӣ ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муассисаҳои системаи давлатии тандурустӣ таҳти №600, барои иҷозати гузаронидани амалиётҳои ташхисию табобатӣ ба таври пардохт ва ҳампардохт фаъолияти худро пеш мебарад.

Марказ дорои 37 ҳуҷраи таълимӣ-табобатӣ ва 12 дастгоҳи нави стоматологӣ мебошад. Ҳамчунин, марказ бо таҷҳизоту лавозимоти нави тиббӣ ба пуррагӣ таъмин карда шуда як қатор шуъбаҳо ва ҳуҷраҳои нави муоличавӣ аз қабили шуъбаи кудакона ва ортодонтӣ, ҳуҷраи рӯйпушкунии дандонҳо бо титан ва циркон ҳуҷраи фантомӣ, ҳуҷраи табобати нуқсон ва ҷойивазкунии (деформация) дандон ва қатори дандонҳо, инкишофи ғайримуқаррарии (аномалия) тартиби ҷоғу дандонҳо (ортодонтия), ҳуҷраи қабули бемориҳои бофтаи парадохт ва пардаи луоби ковокии даҳон, ҳуҷраи тайёркунии протезҳои дандонии муосир, озмоишгоҳ барои муайян намудани гепатитҳо ва ВНМО ташкил карда шудааст. Дар марказ 17 нафар кормандони соҳаи тиб фаъолият менамоянд.